*ББК 63.1(5Тад)*
*УДК 9(М)1*
*Д.42*

*Ҷ.Ҳ. ҶӮРАБОЕВ,*
*Н.И. ҒИЁСОВ*

# АНДЕШАИ СИЁСИВУ ДАВЛАТДОРӢ ДАР ОСОРИ АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ

*Ҷомӣ, ки ба таҳсили фунун умр ба сар бурд,*
*Бе ҳошияи шавқи ту нагзошт китобе.*

Боиси ифтихори ҳар як алоқаманди фарҳангу тамаддуни форсӣ-тоҷикӣ аст, ки созмони бонуфузи фарҳангии ЮНЕСКО пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар мавриди таҷлили ҷашни 600-солагии Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дар соли 2014 пазируфт ва қарори дахлдор қабул кард. Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханронӣ дар мулоқот бо зиёиён, ки 20.03.2014 дар арафаи Наврӯз дар Душанбе барпо шуд, аз ин хушхабар мужда дода, роҷеъ ба мақом ва манзалати ин шахсияти фозил суханронӣ карда, таъкид намуданд: «Дар байни аҳли илму адаб, ҳамчунин дар назди ҳокимони сарзамини худ ва қаламравҳои дигар чунин шӯҳрати беандоза пайдо кардан дар таърихи ҷомеаи башарӣ ба кам касон муяссар гардидааст» (1).

Нуриддин Абулбаракот Абдурраҳмон ибни Низомуддин Аҳмад ибни Муҳаммади Ҷомӣ 7 ноябри соли 1414 дар қасабаи Харгирди Ҷом таваллуд шудааст. Харгирд шаҳре аст наздики Пушанги Ҳирот (2, ҷ.5, с. 477). Ле Стренҷ менависад, ки дар шарқи вилояти Зова ва шимолу шарқии Қаҳистон наздики рӯдхонаи Ҳирот вилояти Зом ё Ҷом воқеъ аст (3, с. 382). Ҷом зодгоҳи шахсиятҳои машҳуре будааст, ки маъруфтарини онҳо Аҳмади Ҷом (ваф.с. 1142) мебошад. Аҳмади Ҷом (ё Ҷомӣ) ончунон шӯҳрат дошт, ки ҳатто амир Темури Ланг дар поёни қарни XIV қабри ӯро зиёрат намуд (3, с. 382).

Падараш – Низомуддин Аҳмад, ки аз аҳли тақво ва илм буд, дар ин ноҳия ба кори қазо машғул буд ва Абдурраҳмон дар ҳамин қасабаи Харгирди вилояти Ҷом таваллуд шуд. Тахаллуси ӯ ҳам ба ҳамин сабаб, яъне таваллудаш дар вилояти Ҷом «Ҷомӣ» шудааст. Бино бар як ишораи А. Афсаҳзод падар ва ҷадди Абдурраҳмони Ҷомӣ дар мӯҳри худ нисбаашонро «Даштӣ» сабт мекарданд, зеро аслан зодаи Дашт ном қасабаи Исфаҳон буданд, вале чун ба Ҳирот омаданд, нисбаи «Ҷомӣ»-ро гирифтанд ва шоири мо ҳам ин лақабро аз падару бобои хеш қабул ва атрофиён ӯро низ аз хурдӣ «Ҷомӣ меноманд (4, с. 7-8). Ҳамчунин мегӯянд, ки ба унвони «Ҷомӣ» интихоб шудани тахаллусаш аз иродати бепоёни ӯ ба шахсияти Шайхулислом Аҳмади Ҷом ҳам будааст. Ба ҳар ойин Абдурраҳмони Ҷомӣ низ ба ин ду маънӣ ишораи малеҳе дорад:

*Мавлидам Ҷому рашҳаи қаламам*
*Ҷуръаи ҷоми шайхулисломист.*

*Лоҷарам дар ҷаридаи ашъор*
*Ба ду маънӣ тахаллусам Ҷомист.*

Аҳмади Ҷом шӯҳрату маҳбубияти зиёд дар миёни мардум дошт ва имрӯз ҳам ба туфайли нақлу ривояту афсонаҳо ва ҳамчунин ашъори худ соҳиби эҳтироми бузург аст, ҳарчанд дар бораи ӯ сареҳан иттилооти зиёд нест. Номи пурраи ӯ Шайх Абӯнаср Шиҳобуддин Аҳмад ибн Абилҳасани Номиқӣ, мулаққаб ба «Жандапил» аст ва ӯ соли 1048 дар деҳаи Номиқ, ки имрӯз ҳам побарҷосту дар ҷанубу шарқии Машҳад мавқеият дорад, таваллуд ва дар синни 96-солагӣ ба соли 1142 дар ҳамон ҷо вафот кардааст. Мадфани ӯ ҳоло ҳам зиёратгоҳи хосу ом аст ва бо номи «Турбати Ҷом» машҳур аст. Мавлоно Ҷомӣ дар бораи ӯ иттилоъ дода менависанд, ки «уммӣ будааст, ки дар синни 22-солагӣ тавфиқи тавба ёфта, баъд аз 18 соли риёзат дар 40-солагӣ вайро ба миёни халқ фиристодаанд. Абвоби илми ладунӣ бар вай кушода, зиёда аз 300-тоӣ коғаз дар илми тавҳид ва маърифат ва илми сирру ҳикмат ва равиши тариқат ва асрори ҳақиқат тасниф кардааст, ки ҳеч олим ва ҳаким бар он эътироз накардааст ва натавонистааст» (5, с. 451).

Ҷаҳонбинии Абдурраҳмони Ҷомӣ ва диди фалсафиву сиёсии ӯ марбут ба таълиму тарбият ва муҳити зисти ӯст. Бино бар асоси ишораҳои худи муаллиф ва алалхусус дар қасидаи «Рашҳи бол ба шарҳи ҳол», ки панҷ сол пеш аз даргузашти худ, яъне соли 1488 иншо кардааст ва ҳамчунин ба гувоҳии манобеи мӯътабари дасти аввал Ҷомӣ таълими ибтидоии хешро назди падари худ дар Харгирд гирифтааст. Сипас бо ҳамроҳии падар ба Ҳирот меояд ва дар мадрасаи Низомияи он ба таҳсил мепардозад. Дар муддати андаке дониши ӯ ба ҳадде мерасад, ки дигар мударрисони ҳиротӣ ӯро қаноатманд карда наметавонанд. Баъд аз ин ӯ озими Самарқанд мешавад ва ба дарсҳои олимони мутабаҳҳири ин ҳавза ширкат менамояд. Х. Мирзозода барҳақ таъкид мекунад, ки аз барҷастатарин хислати Ҷомӣ ҳамоно завқи мунозираву мубоҳиса бо олимону фозилон буд, ки ҳанӯз дар Ҳирот ва баъдан дар Самарқанд бармало мушоҳида шуд (6, с. 330).

Шояд ин хислат аз равиши илмие сар зада бошад, ки Ҷомӣ аз хурдӣ ба худ касб намуд ва иборат аз парҳез кардан аз парокандагӣ, тааммулу андешаи амиқ дар масъалаи мавриди баҳс ва мутолиаи зиёд то расидан ба умқи матлаб ва ҳадаф буд. Ҷомӣ бовар дошт, ки он кас, ки дили худро соф кунад ва ба китобу мутолиа рӯй оварад ба касби илм ноил мегардад ва бино бар ҳамин ҳам толибони илмро васият мекард, ки «Хуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест…». Дар миёни машоихи аҳли суннат, билхоса мазҳаби ҳанафӣ ва ҳамчунин тариқаи нақшбандия, ки Ҷомӣ нисбат ба он ва алалхусус ба Саъдуддини Қошғарӣ – устоди маънавии ӯ дар тариқати сӯфияи нақшбандия ва Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрор эътимоди хос дошту аз онон пайравӣ мекард, таваҷҷӯҳ ба китоб ва руҷӯъ ба он чунон марсум буд, ки ҳамеша дар посухи савол ҳатман аз китоб ва мутолиаи сарчашмаҳо мадад меҷустанд. Беҳуда нест, ки шоир таъкид бар таъкид мефармояд:

*Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст,*
*Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст.*
*Бувад бе музду миннат устоде,*
*Зи дониш бахшадат ҳар дам гушоде.*

Хондамир дар «Макорим-ул-ахлоқ» Хоҷа Аҳрорро аз бузургтарин ва маъруфтарин машоихи нақшбандӣ дар садаи нӯҳуми ҳиҷрӣ муаррифӣ намуда, таъкид менамояд, ки «Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Амир Алишери Навоӣ мурид ва тарбиятёфтаи ӯ буданд» (7, с. 184).

Абдурраҳмони Ҷомӣ дар «Нафаҳот-ул-унс» зикри ёд аз Хоҷа Убайдуллоҳ ва сифати шайхи худ дар тавсифи тариқати эшон менигорад, ки «тариқаи эшон эътиқоди аҳли суннат ва ҷамоат аст ва итоати аҳкоми шариат ва ибтидои сунани Саййидулмурсалин (с) ва давоми убудият, ки иборат аст аз давоми огаҳӣ ба ҷаноби Ҳақ(қ), субҳонаҳу, бе музоҳамати шуур ба вуҷуди ғайрӣ. Пас гурӯҳе, ки нафйи ин азизон кунанд, ба воситаи он тавонад буд, ки зулмати ҳаво ва бидъат зоҳиру ботини эшонро фурӯ гирифтааст». Ва илова мекунад:

*Нақшбандия аҷаб қофиласолоранд,*
*Ки баранд аз раҳи пинҳон ба ҳарам қофиларо.*
*Аз дили солиқи раҳ ҷозибаи сӯҳбаташон*
*Мебарад васвасаи хилвату фикри чаларо.*
*Қосире гар занад ин тоифаро таъни қусур,*
*Ҳошалиллаҳ, ки барорам ба забон ин гиларо:*
*Ҳама шерони ҷаҳон бастаи ин силсилаанд,*
*Рӯбаҳ аз ҳила чӣ сон бигсалад ин силсиларо (5, с. 512).*

Ба қавли Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба ҷараёни нақшбандия, ки «бо исломи расмӣ ва махсусан мазҳаби ҳанафии он мувофиқати зиёде дорад, гаравидани шахсияти барҷастаи адабӣ ва илмиву ирфоние мисли Абдурраҳмони Ҷомӣ ҳаргиз тасодуф набуд, зеро шиорҳои асосии пайравони ин ҷараён, алалхусус «ба зоҳир бо халқ ва ба ботин бо Ҳақ», «дил ба ёру даст ба кор», ки дар асл маъниҳои «ҳамранги ҷамоат будан, аз ҳисоби кору заҳмати худ рӯз гузаронидан ва дурӣ ҷустан аз таассуби диниву мазҳабӣ»-ро дошт, «ба олами эҳсосу андешаҳои вай наздиктар буданд» (1).

Абдурраҳмони Ҷомӣ на танҳо дар шумори шоирони номии адабиёти оламшумули форсӣ-тоҷикӣ аст, балки аз ҷумлаи донишмандону ҳакимони мутабаҳҳири он ҳам ба шумор меояд. Далели ин гуфтаҳо ҳамоно маҳсули эҷодии ӯст, ки шомили бештарин мавзӯъҳо ва дониши рӯзгори ин аллома мебошад. Дар бораи теъдоди осори ӯ назарҳои мухталиф ироа шудаанд. Бархе онро 90, баъзе дигар 96-то мегӯянд, ки бештарини онҳо ба Ҷомӣ мансуб нест (6, с. 333).Абдулғафури Лорӣ (ваф. 1506), ки аз шогирдони хоси Ҷомӣ аст, шумори осори устоди худро 47 донистааст. Маҳмуд Обидӣ дар муқаддимаи худ бар «Нафаҳот-ул-унс» феҳрасти 45 асари Ҷомиро бар ҳасби соли таълифи ин осор овардааст. Муҳаққиқи аврупоии эҷодиёти шоир Уилям Читик низ теъдоди асари ӯро 47-то медонад (8, ҷ.17, с. 368).

Нуктаи назари тозатарин дар мавриди табақабандии осори илмӣ ва адабии Абдурраҳмони Ҷомӣ ин аст, ки шумори осори ӯ 48 адад буда, онро зери се унвон – 1) улуми адабӣ ва муштамил бар осори мансуру манзум 2) улуми нақлӣ ва шомили осори мансуб ба забоншиносӣ, балоғат, Қуръон ва ҳадис 3) улуми ақлӣ, ки осори ба масоили табиӣ-риёзӣ, мусиқӣ, ҳикмат, фалсафа ва ирфон бахшидаи Ҷомиро фарогир табақабандӣ намудаанд (ҳамон ҷо).

Ҳама афкори адабӣ, сиёсӣ ва илмии Мавлоно Ҷомӣ маншаъ аз тарбияти хонаводагии ӯ, алалхусус аз падари бузургвораш, ки нахустустоди ӯ дар тамоми зиндагии шоир буд ва ҳамчунин мактабу ҳавзаҳо ва муҳити илмии Ҳироту Самарқанд мегирад. Илова бар ин, худи шахсияти Мавлоно Ҷомиро мебояд афзуд, ки дар сарчашмаҳо марде ба тамоми маъно фарҳехта, тарбиятшуда, ориф, диндор бо зоҳире пок ва ботине муназзаҳ ва ғайраву ғайра муаррифӣ мешавад. Зимнан, бо доштани тамоми имконот дарвешона ва сода зиндагӣ мекард ва қиссаи ӯ бо Қозизодаи Сиистонӣ, ки ба хонаи Ҷомӣ меояд барои зиёраташ ва Мавлавии ҷомаи оддии пахтадор пӯшидаро ошпаз ё хидматгори оддии эшон гумон бурда, аз ҷой барнамехезаду аз он Восифӣ дар ёддоштҳояш нақл кардааст, ба ҳамагон маълум аст (9, ҷ.13, с. 41). Гузашта аз ин, бо фақиру ғанӣ, ашрофу мардуми оддӣ нишасту хез мекард ва ба ҳамаи онҳо бо як чашм менигарист ва эҳтирому муҳаббати якхела нишон медод.

Ақидаҳои иҷтимоии ӯ ҳам, бо вуҷуди мухталиф буданаш, бар ҳамин мабонӣ сурат гирифтааст. Ӯ ҳам дар радифи баргузидатарин намояндагони адабиёти классикии мо дар ин масъала дар мавқеи инсондӯстӣ, адолатхоҳӣ, раъиятпарварӣ, адолати иҷтимоӣ меистад, ки дар сартосари асарҳояш ба чашм мерасанд. Ҷомӣ ҳам тарафдори ақидаест, ки дар сурати одил будани подшоҳ дар ҷамъият адолати иҷтимоӣ барқарор мешавад:

*Чист, донӣ ба зери чарх асир*
*Ҳикмат андар вуҷуди шоҳу амир?*
*То бувад пушт бепаноҳонро,*
*То диҳад дод додхоҳонро.*
*Некхоҳи ҷаҳониён бошад,*
*Бар ҳама халқ меҳрубон бошад*
*Золимонро зи зулм боз орад,*
*Дасти мазлумро қавӣ дорад.*
*Адлро пешвои худ созад,*
*Корҳоро ба адл пардозад (10).*

Вале Ҷомӣ бо ин қаноат намешавад. Ӯ дар эҷодиёти худ ҳамчунин ба васфи инсони комил, ҳимоя аз манфиатҳои мардум, алалхусус деҳқонон, таблиғи ғояҳои ватанпарварӣ, дӯстию рафоқат ва ахлоқи ҳамидаи инсонӣ мепардозад. Ин ғояҳо, билхоса, дар «Баҳористон»-и ӯ мавқеи муҳим доранд.

Ҷомӣ асари худ «Баҳористон»-ро соли 1487 таълиф кардааст. Ин асар аз муқаддима ва ҳашт боб (равза) иборат буда, дар он саргузашти орифон, подшоҳон, адолат ва ахлоқи неки онҳо, тарғиби саховатмандӣ ва панду насиҳатҳои марғуб ҷамъ оварда шудаанд.

Ҳақ бар ҷониби муҳаққиқи барҷастаи ҳаёт ва осори Ҷомӣ Аълохон Афсаҳзод аст, ки ин асарро ба сабаби дар пиронсолии муаллиф таҳия шуданаш онро як навъ асари ҷамъбасткунандаи ғояву ақидаҳои ҷамъиятшиносӣ ва сиёсатшиносии ин мутафаккири барҷаста маҳсуб медонад (8, с.5). Нависанда дар асар аз манзараҳои ҳузновари фақиронаи мамлакат, нобасомониҳои ҷамъиятӣ, беҳуқуқии раият, ғорати туркони чағатоӣ, ривоҷи бозори зулми ҳокимони худ, бедиёнатии арбобони дин, низои иҷтимоӣ ва костагии ахлоқ мушоҳидаҳои хешро матраҳ сохта, аз сатҳи пасти зиндагии ҷомеаи даврони хеш шикоят

мекунад. Андешаҳои Ҷомӣ дар бораи қадру қимат ва мақому манзалати волои инсон, ки на вобастаи аслу насаб, мулку дорой, балки самараи маънавиёти ғанӣ ва ақлу хирад аст, низ хеле шоистаи таваҷҷӯҳанд.

Подшоҳиро сифат карда, Ҷомӣ ҳикоятеро аз аҳди Бузургмеҳр меорад: Бузургмеҳрро пурсиданд, ки кадом подшоҳ покизатар? Гуфт: «Он, ки покизагон аз вай эмин бошанд ва гуноҳгорон аз вай битарсанд:

*Шоҳ он бошад, ки равшанхотиру бихрад бувад,*
*Некувонро ҳол аз ӯ некӯ, бадонро бад бувад»(11, с.57).*

Бино ба гуфти Ҷомӣ на шахс ба амал бузургу шариф гардад, балки амалро шахс бузург хоҳад кард:

*Боядат мансаби баланд, бикӯш,*
*То ба фазлу ҳунар кунӣ пайванд.*
*На ба мансаб бувад баландии мард,*
*Балки мансаб шавад ба мард баланд (11,с.58-59).*

«Се кор аз се гурӯҳ зишт ояд: тундӣ аз подшоҳон ва ҳирс бар мол аз доноён ва бухл аз тавонгарон:

*Ин се кор аст, к-иш нигорад зишт*
*Аз се кас хомаи нигоранда:*
*Тундхӯии подшоҳи қавӣ,*
*Ҳирси донову бухли доранда»(11, с.59).*

Дар достони «Хираднома Искандарӣ»-и хеш ақидаҳои утопиявии мутафаккирони пешгузашта, ба хусус Низомӣ ва Амир Хусрави Деҳлавиро пайравӣ намуда, тарҳи ҷамъияти бесинферо тасвир менамояд, ки дар он тамоми аҳолӣ баробарҳуқуқанду саодатманд. Ақлу заковати инсонӣ дар байни аъзои ҷомеа мавқеи асосиро ишғол менамояд. Дар ҷомеаи ормонии Ҷомӣ аз дуздию ғоратгарӣ осоре дида намешавад, зеро сокинони он бо ҳамдигар содиқу дар амният зиндагӣ карда, афзунияти сарватҳои моддиашон, ки дар асоси меҳнати ҳалолу софдилона, муовинати устувору ногусастанӣ сохта шуда, асоси рӯёнидани ҳосили баланд гардонидаанд, падид омадани чунин иллати зиштро имконнопазир месозанд:

*Бигуфтанд: «Дар шаҳри мо нест дузд,*
*Ки аз касби дуздӣ хӯрад дастмузд.*
*Ҳама мардуми содиқанду амин,*
*Чу хоканд аминони рӯи замин.*
*Ба хок ар супорӣ яке дона ҷав,*
*Диҳад ҳафтсадат боз вақти дарав» (10).*

Мувофиқи навиштаҳои Ҷомӣ вақте, ки Искандар ба ин шаҳр мерасад, шоҳиди он мегардад, ки муносибати сокинонаш дар заминаи ахлоқи ҳамида ва хеле баландфарҳанг ба пояи баланд расидааст. Дар ин ҷамоат ягон низои сиёсӣ низ мавҷуд нест. Сокинон ҳаргиз ба гуфтори дурӯғу беҳуда ва носазо лаб намекушоянд. Аз ҷангу ситеза бегона, аммо дар корҳо ёвари якдигаранд. Ҳар сокине танҳо як манзил дорад ва он ҳам бе қуфлу бе дар. Аммо дар остонаи манзил чуқурие канда шудааст, ки истиқоматкунандаро аз андешаи марг огоҳ менамояд. Абдурраҳмони Ҷомӣ дар достони «Хираднома Искандарӣ»-и худ ин лаҳзаро чунин тасвир намудааст:

*Сикандар чу мегашт гирди ҷаҳон,*
*Хабарпурси ҳар ошкору ниҳон.*
*Дар аснои рафтан ба шаҳре расид,*
*Дар он шаҳр қавме писандида дид.*
*Зи гуфтори беҳуда лабҳо хамӯш,*
*Фурӯбаста аз носазо чашму гӯш.*
*Наҷуста ба бад ҳаргиз озори ҳам,*
*Ба ҳар кори некӯ мададгори ҳам.*
*На з-эшон тавонгар касе, не фақир,*
*Бар эшон на султон касе, не амир.*
*Баробар ба ҳам қисмати молашон,*
*Мувофиқ ба ҳам сурати ҳолашон.*
*На аз меҳнати қаҳташон сол танг,*
*На бар сафҳаи сулҳашон ҳарфи ҷанг.*
*Зи як хона ҳар як шуда баҳраманд,*
*На дар бар дари хонаҳошон на банд,*
*Ба ҳар дар фурӯ бурда гӯре магок,*
*Ки бинандаро з-он шудӣ сина чок...*
*Бигуфтанд, к-аз баҳри он кандаем,*
*Ки то дар фазои ҷаҳон зиндаем.*
*Набандад лаби худ зи иршоди мо,*
*Диҳад ҳар дам аз мурдагӣ ёди мо (10).*

Абдурраҳмони Ҷомӣ, мисли даҳҳо нухбагони илму фарҳанги мо, моҳиятан мутафаккир, ватандӯст, маърифатпарваре мебошад, ки максади ягонааш аз таълифи осори илмӣ-адабӣ бо нури илму маърифат мардумро аз ҷаҳлу ҷаҳолат раҳо кардан ва ба сӯйи зиндагии орому осоишта ва лоиқи инсон роҳнамоӣ намудан мебошад. Ҳақ бар ҷониби Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аст, ки мефармоянд: «Аз ин ҷиҳат, таҳқиқи хусусиятҳои ин падидаи нодир ва омилҳои зуҳури он на танҳо барои шинохти дурусти шахсиятҳои нотакроре мисли Мавлоно Ҷомӣ ва осору андешаи онҳо, балки барои равшан кардани самтҳои асосии рушди илму адабу фарҳанги муосир ва сабақи даркорӣ бардоштан аз онҳо дар рӯзгори мо низ амри воҷиб мебошад» (1).

***Калидвожаҳо:*** *Абдурраҳмони омӣ, «Баҳористон», ақидаҳои иҷтимоӣ ва сиёсии омӣ, андешаҳои сиёсиву давлатдорӣ, «Хиҳрадномаи Искандарӣ»*

**_Пайнавишт:_**


1. *www.President.tj/node/6377. Санаи муроҷиат: 28.08.2014.*
2. *Муин, Муҳаммад. Фарҳанги форсӣ / М. Муин. – Теҳрон: Амири кабир, 1375. – Ҷ.2. -1229 с.*
3. *Ле Стренҷ. Ҷугрофиёи таърихии сарзаминҳои Хилофати шарқӣ. Мутарҷим М. Ирфон. – Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1377. – 609 с.*
4. *Афсаҳзод, Аълохон. Абдурраҳмони Ҷомӣ / А. Афсаҳзод. – Душанбе: Маориф, 1978. – 190 с.*
5. *Ҷомӣ, Мавлоно Нуриддин. Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс. Таҳиягарони матн, муаллифони муқаддима ва феҳристҳо М. Оқилова ва Б. Мирсаидов. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ, 2013. -865 с.*

6. *Мирзозода, Холиқ. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 2 /Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1977. – 400 с.*
7. *Хондамир, Ғиёсуддин. Макорим-ул-ахлоқ. Шарҳи аҳвол ва зиндагонии Амир Алишери Навоӣ. Мукаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи М. Ашиқ. – Теҳрон: Оинаи мерос, 1378. -295 с.*
8. *Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ. Ҷ.17. – Теҳрон: Маркази Доиратул-маорифи бузурги исломӣ, 1392. – 780 с.*
9. *Айнӣ, Садриддин. Куллиёт / С.Айнӣ. Ҷ.13. – Душанбе: Ирфон, 1977. -431 с.*
10. *Дурҷи 3. Меҳр Арқом Роёна. – Теҳрон, 1387 ш.*
11. *Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Баҳористон / А. Ҷомӣ. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008. -204 с.*

***Reference Literature***

1. *www.President.tj/node/6377. Date of addressing: 28.08.2014*
2. *Muin, Mukhammad. Interpretation Dictionary of Persian Language. – Tehran, Amiri Kabir, 1375. – 1229pp.*
3. *Le Stendge.Historic Geography of Eastern Emirate Countries. Translated by M. Irfon. – Tehran, Science and Culture Pablishing-House, 1377. – 609pp.*
4. *Afsakhzod, Alokhon. Abdurakhman Jami. – Dushanbe: Enlightenment, 1978. – 190pp.*
5. *Jami, Mavlono Nuriddin. Text compilers and authors of the introduction and supplements M. Okilova and B. Mirsaidov. – Dushanbe, Pajukhishgokhi farhangi Farsi-Tojiki, 2013. – 865pp.*
6. *Mirzozoda, Kholik. History of the Tajik Literature. Book 2. Dushanbe: Enlightenment, 1977. -400pp.*
7. *Khondamir, Ghiyosuddin. On Life and Creation of Alisher Navoi. Introduction, critical edition: M. Ashik. – Tehran:* ***Oinai meros****, 1378. – 295pp.*
8. *The Big Islamic Encyclopaedia. V.17. –Tehran: the Centre of the Big Islamic Encyclopaedia, 1392. – 780pp.*
9. *Aini, Sadriddin. Complete Collection of Works. V.13. – Dushanbe: Irfon, 1977. – 431pp.*
10. *Jami, Abdurakhman. Bakhoristan. -Dushanbe: Enlightenment and Culture. 2008. – 204pp.*
11. *Durj, №3. Mekhr Arkon Rosna, Tehran, 1387*

***Взгляды Джами на политику и государственное устройство***

***Ключевые слова:*** *Абдурахман Джами, «Бахористан», социально-политические мысли Джами, взгляды Джами на государственное устройство, «Хираднаме Искандари»*

*В статье, которая посвящена знаменитому поэту, философу, мыслителю Абдурахману Джами, 600-летие которого по решению ЮНЕСКО празднуется в этом году, рассматриваются его политические взгляды, а также его точки зрения на государственное устройство. Эти взгляды изложены во многих его произведениях, которых насчитывается около пятидесяти.*

*По мнению авторов, среди них особое место занимают «Бахористан», «Хираднаме Искандари» и «Силсилат аз-захаб», где автор излагает свою точку зрения на эти проблемы. Авторы считают, что Джами, как и многих других средневековых авторов, можно отнести к когорте утопистов.*

***Jami`s Outlook in Reference to Politics and Statal Frameworks***

***Key words:** Abdurakhmon Jami, "**Bakhoriston**", Jami`s, socio-political ideas, Jami`s outlook concerned with statal frameworks, "**Khiradname Iskandari**"*

*The article is devoted to the famous poet, philosopher and thinker Abdurahmon Jami whose 600-th anniversary is celebrated this year according to UNESCO resolution. The authors dwell on his political outlooks and the views concerned with statal frameworks. The formers are expounded in many productions of his whose number is over fifty.*

*To the author`s mind, such works as "**Bakhoristan**", "**Khiradname Iskandari**" and "**Silsilat-az-Zakhab**" occupy an especial place dealing with the problems in question. They consider that Jami, just as many other mediaeval scholars, can be refferred to the cohort of Utopists.*

***Роҷеъ ба муаллифон:***

***Ҷӯрабоев Ҷамшед Ҳабибуллоевич,** номзади илмҳои таърих, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, сармуҳаррири маҷаллаи «Ахбори ДДҲБСТ», (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд), e-mail: jurabaev.jh@mail.ru*

***Ғиёсов Нурулло Исматович**, номзади илмҳои филология, дотсент, муҳаррири масъули маҷаллаи «Ахбори ДДҲБСТ»-и Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд), e-mail: nur-1954@mail.ru*

***Сведения об авторах:***

***Джурабаев Джамшед Хабибуллоевич,** кандидат исторических наук, доцент, ректор Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, главный редактор журнала «Вестник ТГУПБП» (Республика Таджикистан, г. Худжанд), e-mail: jurabaev.jh@mail.ru*

***Гиясов Нурулло Исматович,** кандидат филологических наук, доцент, ответственный редактор журнала «Вестник ТГУПБП» Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики (Республика Таджикистан, г. Худжанд), e-mail: nur-1954@mail.ru*

***Information about the author:***

***Jurabayev Jamshed Khabibullayevich**, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor, rector of TSULBP, editor-in-chief of the journal "Bulletin of TSULBP" – edition of the Tajik State University of Law, Business and Politics (Tajikistan, Khujand),*
*e-mail: jurabaev.jh@mail.ru*

***Ghiyasov Nurullo Ismatovich**, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor, editor-in-charge of the journal "Bulletin of TSULBP" – edition of the Tajik State University of Law, Business and Politics (Tajikistan, Khujand), e-mail: nur-1954@mail.ru*